**ТАҚРИЗИ**
**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ)**

Таҳқиқи масъалаҳои вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон яке аз ҷанбаҳои муҳимми таърихнигории муосири ватанӣ мебошад, ки моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад. Ин самти таҳқиқот ҳолати рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии як ноҳияи калони кишварро дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол фаро мегирад, ки баррасии масоили мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми минтақашиносии муосири мамлакат мебошад.

Диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол», ба яке аз масъалаҳои муҳимм бахшида шудааст, зерро дар шароити имрӯзаи давлатдории навинамон омӯзиши масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии як минтақаи аз з нигоҳи кишоварзӣ ва саноатӣ рушдкардаи кишвар ҳамчун намуна барои ноҳияҳои дигари кишвар дар самти пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мебошад.

Бо назардошти ин таҷдиди назар намудани таърихи садсолаи охир ва инъикоси дастовардҳои назарраси замони соҳибистиқлолии ноҳияи Данғара муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла, мавзуи мавриди таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи давраи навини яке аз минтақаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ноҳияи Данғара равона шудааст, қадами устувор дар ин самт мебошад.

Диссертатсия ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи таъсисёбӣ ва рушди ноҳия Данғара дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва таҳаввулоти ҷиддии

иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангии ин минтақа дар давраи соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст.

Дар таърихнигории муосири Тоҷикистон масъалаҳои вазъи иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангии ноҳияҳо дар Тоҷикистони Шуравӣ ва замони Истиқлоли давлатӣ, ҳамзамон дастовардҳои рушди иқтисодии он давра, ба тарзи бояду шояд мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст ва ин мубрамияти таҳқиқи мавзуи мазкурро тақвият медиҳад.

Вобаста ба ин, ба хотири дарки вазъияти мавҷудаи фаъолияти як ноҳияи бузурги аграрӣ-саноатии имрӯза, ошкор намудани сарчашмаҳои ташаккул ва рушди соҳаи мухталиф дар Тоҷикистони Шуравӣ ва замони Истиқлол муҳим арзёбӣ мегардад.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муаллиф ба масъалаҳои ташаккул ва рушди фаъолияти иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Дағара ба таври дастаҷамъӣ тарҷеҳ дода, ҳамзамон, камбудиҳои рушди ичтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Дағараро мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор додааст.

Диссертатсияи Шодмонзода О. Ш. дар мавзуи ««Вазъи иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол», аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (359 номгӯй) иборат аст. Матни диссертатсия дар ҳаҷми 185 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқ аст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши он, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва заминаҳои методологӣ, меъёрӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, доираи хронологии таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии рисола, арзиши амалии рисолаи диссертатсионӣ, ҳамзамон, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Таъсисёбии ноҳияи Данғара ва аввалин дигаргунсозиҳои сиёсию иқтисодӣ”** ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якум “Таъсиёбии ноҳияи Данғара ва ташаккули низоми идоракунии он” инъикос гардида, муаллиф қайд намудааст, ки оид ба мафҳуми Данғара, таърихи пайдоиш ва маънии он дар байни муттахассисон ақидаи ягона ҷой надорад. Муаллиф дуруст қайд намудаст, ки Ҳокимияти Шуравӣ дар ҳудуди ноҳияи Данғара дар натиҷаи амалиётҳои ҳарбии Дастаи ҳарбӣ – экспедитсионии Ҳисор барқарор гардид. Муаллиф қайд намудааст, ки муддати даҳсол ҳаракати зиддишуравии идома дошт. Аз ҷониби Артиши Сурх ва дастаҳои ихтиёрони маҳаллӣ дар ҷанги назди Найзабулоқи Данғара 8-уми апрели соли 1931 Иброҳимбек таслим шуд ва ҳаракати босмачигарӣ ба охир расида, рушди ноҳия идома ёфт.

Муаллиф қайд намудааст, ки бо қарори Президиуми Кумитаи Иҷроияи Марказии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи ташкилёбии ноҳияи Данғара» аз 8 июли соли 1932 Данғара, ки то ин вақт дар тобеияти маъмурии ноҳияи Кангурт буд, ҳамчун ноҳияи алоҳида таъсис дода шуд, ки маркази он деҳаи ҳозираи Сафобахш (он вақт Оқсу) муайян шуд.

Зербоби дуюми боби аввали диссертатсия, ки “Дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва рушди ноҳия дар замони Шуравӣ” ном дорад, ба масъалаи рушди ҷомеаи сотсиалистӣ тавассути иҷрои нақшаҳои панҷсола ва саҳми муассири ноҳияи  Данғара бахшида шудааст. Дар ин зербоб муаллиф қайд намудааст, ки саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ба рафти сохтмони осоиштаи ҷомеаи нав халал ворид намуд. Аҳолии мамлакат хабари ҷангро бо нафрат ва андӯҳи бузург қабул намуда, аз рӯзҳои аввал саросар бахри ҳимояи Ватан бархоста, барои ба ҷабҳа фиристодани худ аризаҳо пешниҳод менамуданд.

Ҳамзамон, дар зербоби дуюми боби аввали рисола муаллиф қайд намудааст, ки  дар қатори дигар миллату халқиятҳо саҳми фарзандони диловари ноҳияи Данғара дар ҳимояи Ватан низ назаррас аст. Ҷасорату

мардонагии сокини ноҳияи Данғара, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Исмат Шарифов дар адабиёти илмиву омавӣ кайҳо тасвири пурраи худро пайдо кардааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки меҳнаткашони ноҳия чун дигар минтақаҳои Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ фаъолона ширкат намуда, сазовори дастовардҳои бузурги меҳнатӣ гардиданд ва ноҳияро ба яке минтақаҳои ободу пешрафтаи ҷумҳурӣ мубаддал гардониданд.

Диссертант дар ин зербоб дуруст қайд менамояд, ки дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ саҳми заҳмати занон дар истеҳсолот афзуда, иштироки онҳо беш аз ними шумораи умумии кормандони соҳаи кишоварзиро ташкил медод.

Ба андешаи Шодмонзода О.Ш. даҳсолаи аввали баъдиҷангӣ воқеан барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияи Данғара давраи дигаргунсозиҳои ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ мебошад. Яке аз равандҳои асосии дигаргунсозиҳо дар ин давра электрикунонии минтақаҳои деҳоти ноҳия маҳсуб меёфт.

Ба андешаи муаллиф то оғози сиёсати бозсозӣ дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX, Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияи Данғара дорои иқтидори мустаҳками иқтисодию иҷтимоӣ буд. Захираҳои фаровони табиӣ, тараққиёти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла пахтакорӣ, соҳаҳои гуногуни саноат барои боз ҳам беҳтар шудани некӯаҳволии аҳолӣ заминаи хуб гузоштанд.

Боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ **“Рушди кишоварзӣ ва ҳаёти фарҳангии ноҳия дар солҳои 50-80-уми асри XX”** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якум “Рушди кишоварзӣ ва соҳаҳои он дар солҳои 50- 80-уми асри XX”-ро дар бар гирифтааст. Дар ин зербоб масъалаҳои шароити табии ноҳияи Данғара барои рушди соҳаи кишоварзӣ, заминҳои зиёди бекорхобида, набудани низоми мукаммали обёрӣ, хоҷагиҳои яккадаст, техникаи зарурӣ, сохтмони низоми обёрӣ,

азхудкунии заминҳои нав, ташкили хоҷагиҳои коллективии ноҳияи Данғара мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ҳамчунин дар ин зербоб қайд гардидаст, ки аз соли 1938 дар ноҳияҳои ғаллакори ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияи Данғара кишти навъҳои гуногуни зироати ғалладона ба роҳ монда шуданд. Барои боз ҳам бештар ба роҳ мондани парвариши зироати ғалладона зарур дониста шуд, ки дар қатори дигар совхозу колхозҳои ҷумҳурӣ дар ноҳияи Данғара низ сохтмони нави Пойгоҳи мошину тракторҳо ба роҳ монда шавад. Шуъбаи колхозии КМ ҲК (б) ҶШС Тоҷикистон дар баробари ба дигар ташкилотҳои ҳизбии совхозу колхозҳо ва Пойгоҳи мошину тракторҳо инчунин ба ноҳияи Данғара ёрии моддӣ-амалӣ мерасонид.

Ҳанӯз солҳои 1948-1949 Вазорати хоҷагии оби ҶШС Тоҷикистон бо мақсади аз худ намудани заминҳои бекорхобида ва гузаронидани хатҳои шабакаи обёрикунӣ дар тамоми ноҳияҳои хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Данғара корҳои таҳқиқотӣ ва омӯзиширо оғоз намуд.

Дар ин зербоб ҳамчунин диссертант қайд намудааст, ки дар ин марҳила ва дар панҷсолаҳои минбаъда низ колхозу совхозҳои ноҳияи Данғара ташаббусҳо нишон дода, пешсафии худро дар соҳаи кишоварзию чорводорӣ аз даст надоданд ва ба дастовардҳои шоён ноил гардиданд.

Аз солҳои 60-уми асри XX дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияи Данғара ба боғу боғдорӣ низ бештар таваҷҷуҳ медоданд ва дар ин раванд корҳои зиёди ниҳолшинонию токпарварӣ ва истифодаи заминҳои бекорхобида ба анҷом расонида шуданд.

Воқеан, тавре диссертант Шодмонзода О.Ш. таъкид намудааст, таҳлили маълумоти сарчашмаҳо ва маводи оморӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои 60-70- уми асри гузашта хоҷагии кишоварзии ноҳия дар натиҷаи меҳнати зарбдори сокинони он соҳиби дастовардҳо ва пешрафти назаррас гардидааст. Дар натиҷаи ташкили хоҷагиҳои коллективона, гузаронидани корҳои обёрӣ, махсусан нақби Данғара, азхудкунии заминҳои бекорхобида, муҳоҷират намудани аҳолии минтақаи кӯҳистон,

саросар ҷалб намудани аҳолӣ ба меҳнати дастаҷамъона ва албатта механикунонии раванди истеҳсолот дар собиқ Дашти Данғара ба минтақаи пешрафти кишоварзии ҷумҳурӣ табдил ёфт.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия масъалаи ташаккул ва рушди маориф ва ҳаёти фарҳангии ноҳия мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки дар ибтидои Ҳукумати Шуравӣ барои пешравии соҳаи маорифи ноҳия душворӣ ва монеаҳои зиёд ҷой доштанд, пеш аз ҳама дар мактабҳои ҷумҳурӣ шумораи зарурии хонандагон ва омӯзгорон намерасиданд. Новобаста аз мушкилоти ҷойдошта дар ҳудуди ноҳия солҳои 1924-1925 аввалин мактабҳои нав кушода шуданд.

Тавре дар диссертатсия қайд гардидааст, дар солҳои 50-ум яке аз масъалаҳои асосие, ки боиси нигаронии мақомоти маориф мегардид, ин ба таҳсил пурра ҷалб нагардидани духтарон буд. Масъалаи мазкур дар мактабҳои гуногуни ноҳияи Данғара низ ташвишовар ба назар мерасид.

Ба андешаи диссертант беҳтарин дастоварди фарҳангии ноҳия дар асоси қарори Шурои вакилони халқӣ моҳи августи соли 1974 кушода шудани мактаби мусиқии №1 дар шаҳри Данғара мебошад.

Боби III рисолаи номзадӣ “**Данғара дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)**” номгузорӣ шудааст. Зербоби якуми боби сеюм ба масъалаҳои ба ноҳияи саноатӣ табдил ёфтани Данғара бахшида шудааст. Диссертант қайд намудааст, ки ба ноҳияи Данғара ҳамчун минтақаи саноатии дорои имконияти васеъ дар партави сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Сарвари давлат бештар таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Дар ин самт пеш аз ҳама эълон шудани Минтақаи озоди иқтисодии Данғара иқдоми саривақтӣ ва созанда буд.

Ноҳияи Данғара дар замони Истиқлол сазовори дастовардҳои зиёди саноатию иқтисодӣ гардид, ки ҳанӯз соли 2017, яъне бахшида ба 85-солагии ноҳия корхонаҳои зиёди саноатӣ ва иншоотҳои нави замонавӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм дастовардҳои кишоварзӣ дар замони истиқлол мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Бо мақсади рушди соҳаи кишоварзӣ ва аз худ намудани заминҳои нав марҳалаи сеюми истифодабарии канали “Водии Данғара-3” дар доираи сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки лоиҳаи сохтмони он моҳи майи соли 2013 ибтидо ёфта буд, 12-уми майи соли 2017 ба анҷом расид.

Ҳамин тавр, рушди кишварзии ноҳияи Данғара аз ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва дигаргунсозиҳои аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлол, яъне солҳои 1991-2021 вобаста буда, саҳми Сарвари давлатро дар бунёдкорӣ ва тараққиёти минбаъдаи кишвар муайян мекунад.

Зербоби сеюми боби сеюми диссертатсия “Данғара маркази фарҳангии минтақа” номгузорӣ шудааст. Аммо дар замони истиқлол шумораи муассисаҳои таълимии ноҳияи Данғара афзуда, боиси рушди босуръати низоми маориф гардид. Ҳамзамон қайд гардидааст, ки ноҳияи Данғара аз азал макони ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки яке аз бартариҳои диссертатсия дар он аст, муаллиф дар раванди таҳқиқи мавзуъ нақшаҳои зиёдро таҳия ва ҷой додааст.

Дар маҷмуъ дар диссертатсия таҳқиқи тамоми ҷанбаҳои вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Вобата ба ин, аҳаммияти илмию амалии рисола дар он аст, ки саҳифаҳои норавшани иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар як марҳилаи муҳимми таърихи замони империяи абарқудрати Шуравӣ, ки ҷузъи таърихи навини мардуми тоҷик мебошад ва замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон таҳқиқ ва ҷамъбаст гардидааст.

Хулосаҳои муаллиф дар қисмати ҷанбаҳои мусбии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара муайян карда

шудаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти анҷомдодашуда камбудиву бартариҳои сиёсати коллективонии соҳаи кишоварзии давлати абарқудрати Шуравӣ, ки Тоҷикистон ҷузъи он буд, ба таври дақиқ ва ҳаматарафа ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Бо назардошти ин, дар шароити имрӯзаи рушди ҷомеа мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди босурати кишвар, метавонанд дар фаъолияти худ аз таҷрибаи рушди иктисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол ба таври зарурӣ истифода баранд. Ҳамчунин натиҷаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро метавонанд дар муассисаҳои олии касбии кишвар дар таълими фанҳои таърихи муосири Тоҷикистон, назарияи иқтисодӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва рушди иқтисоди миллӣ истифода намоянд.

Дар хулосаи диссертатсия ва тавсияҳои амалии он андешаҳои ҷамъбастии муаллиф нисбати мавзуъ инъикос гардида, пешниҳодҳои ӯ ба асосноккунии маводи назариявӣ асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар таҳлилу баррасии мавзуи мазкур аз сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи бойонӣ, адабиёти илмии гуногуни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва сарчашмаҳои бойгонӣ истифода гардидааст.

Сохтори рисолаи диссертатсионӣ комил ва илмӣ мебошад. Аз шиносоӣ бо рисолаи номзадии диссертант бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли захмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба масъалаҳои рушди иктисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе камбудиву нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати такмили рисола мебошад. Аз ҷумла: дар феҳристи ихтисораҳо ба ду забони роҳ дода шудааст. Бо саби он ки диссертатсия ба забони тоҷикӣ иншо гардидааст, хуб мешуд, ихтисораҳо ҳам ба тоҷикӣ тарҷума шаванд.

1. Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, таҳлили ба масъалаҳои рушди иқтисодӣ иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дахлдоштаи осори олимон, аз

ҷумла дар китоби панҷилдаи Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд, ҳамчун осори илмии муътамад, бояд инъикос карда мешуданд.

2. Дар диссертатсия мавод хеле зиёд аст, аммо таҳлили илмӣ ва андешаҳо ва муҳокимаронииҳои муаллиф бо олимони дигар камтар мушоҳида мешавад.

3. Дар боби 3-юми диссертатсия зербоби 3-юм "Данғара маркази фарҳангии минтақа" номгузорӣ шудааст, аммо бештар дар бораи дастовардҳои соҳаи маориф, ташкили макотиби олӣ, варзиш дар замони Истиқлол маълумот дода шудааст. Ба андешаи мо хуб мешуд, ки дар ин зербоб соҳаи маориф аз фарҳангро ҷудо карда, зербоби алоҳида мешуд.

4. Дар рисолаи номзадӣ дар номгӯйи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда, бояд аввал санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баъд маводи бойгонӣ, Паёмҳо ва баъд адабиёти илмӣ навишта шавад, аммо ин тартиб риоя нашудааст. Ҳамчунин дар номгӯйи матбуоти даврӣ (саҳ.176-185), рақами маҷаллаҳо ва рӯзномаҳо қайд нагардидааст.

5. Дар саҳифаҳои 3, 34, 60, 91, 137, 183 (330) ва ғайра, ҳамчунин дар баъзе иқтибосҳо ва дар номгӯйи мақолаҳои муаллиф (саҳ. 186-188) аз ҷумла 1М., 2М, баъзе хатоҳои имлой, грамматикӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки таҳрири онҳо ба манфиати такмили рисола мебошад.

Новобаста ба баъзе камбудиҳои ҷузъӣ рисолаи номзадии Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол»» кори анҷомёфта буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 07.00.00- Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи рисолаи номзадӣ (автореферат) ва интишороти муаллиф муҳтавои асосии рисоларо инъикос намуда, ба стандартҳое, ки нисбат ба авторефератҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих татбиқ мешаванд, мувофиқат мекунад ва муаллифи рисола Шодмонзода Орзу Шодмон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, и.в. профессор Б. П. Ализода

Имзои Б. Ализодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.
«27» 10 с. 2025

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: +992 918 18 97 26;
E-mail: b.p.alizoda63@mai.ru